**Суратмаҷлиси № 16**
ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-022
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 26 ноябри соли 2020 ш. Душанбе

Иштирок доранд:
Аз 20 нафар аъзои
Шӯро 15 нафар

**Рӯзнома:**

Дар бораи қабул намудани диссертатсияи Муродов Ҷурабек Қурбоналиевич дар мавзӯи **«Таҳлили фаъолияти илмӣ-адабии Меҳдӣ Ахавони Солис»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03. – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ (адабиёти форсӣ) (роҳбари илмӣ доктори илмҳои филологӣ, профессор А. Расулзода) ба ташхиси аввалия ва таъйин намудани комиссияи ташхис.

**Шунида шуд:**

Ахбори раиси Шӯрои диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор Раҷабов Ҳ. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Муродов Ҷурабек Қурбоналиевич ба Шӯрои диссертатсионӣ.

**Баромад кард:**

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ Ж. Б. Гулназарова маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба Шӯрои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Муродов Ҷурабек Қурбоналиевич – автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ӯ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва диссертатсияи худро дар сомонаи www.tnu.tj ҷойгир намудааст.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур барои ташхиси аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Муродов Ҷурабек Қурбоналиевич дар мавзӯи **«Таҳлили фаъолияти илмӣ-адабии Меҳдӣ Ахавони Солис»** барои дарёфти

дарачаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03. – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ (адабиёти форсӣ) (роҳбари илмӣ доктори илмҳои филологӣ, профессор А. Расулзод) ба ташхиси аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи ташхис дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:

- Р. Раҳмонов – доктори илмҳои филологӣ, профессор, аъзои Шӯро, раиси комиссияи ташхис;
- А. Абдусатторов – доктори илмҳои филологӣ, профессор, аъзои Шӯро, аъзои комиссияи ташхис;
- М. Нарзиқул – доктори илмҳои филологӣ, профессор, аъзои Шӯро, аъзои комиссияи ташхис.

**Қарор қабул карда шуд:** тарафдор 15 нафар, зид, бетараф нест.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Раҷабов Ҳ.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Гулназарова Ж. Б.

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ